**ХУЛОСАИ**

# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D050600 -ИҚТИСОДИЁТ

**Парвандаи аттестатсионии № ___**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 20.02.2021, суратҷаласаи №63**

Оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба Султонзода Исо Муҳаммад шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи*:* «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт, аз 04 ноябри соли 2020, суратмаҷлиси №71 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*, ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Султонзода Исо Муҳаммад соли 2013 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Соли 2013 ба ҳайси магистр ба ихтисоси кори бонкии факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Соли 2015 ба ҳайси доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Имтиҳони ҷамъбастӣ 13.06.2018 прот. № 03 супорида шудааст.

Аз соли 2015 омӯзгори кафедраи молия ва қарз, аз соли 2016 то ҳол омӯзгори кафедраи фаолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад. Ҳамчунин номбурда аз соли 2017 инҷониб раисии иттифоқи касабаи факултети иқтисодии донишгоҳро низ бар ухда дорад.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти бонкии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Обидов Фозил Саидович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайин шуд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Сафоев Абдумаҷид Каримович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** муайян карда шудааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Урунбаев А. (суратҷаласаи №6, аз 18.01.2021с.) ба имзо расида, аз ҷониби ректори мазкур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.К. аз санаи 21.01.2021с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои “Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Интихоби муққаризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо бо паҳлуҳои гуногуни мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, сармоя, сармоягузор, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, маблағгузорӣ, назарияи сармоягузорӣ алоқамандии зич дорад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф беш аз 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 6,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудааст.

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**а) мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Султонзода, И.М. Фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.М. Султонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. - нашри 2\3 (47), 2017. – С. 213-216.

[2-М]. Султонзода, И.М. Арзёбии ҷалби сармоягузории хориҷи ва нақши он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.М. Султонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоиқ –иқтисодӣ ва ҷамъияти –№1. – Душанбе, 2019. – С. 76-80.

[3-М]. Султонзода, И.М. Хусусиятҳои сармоягузории портфелии хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷумҳӯрӣ [Матн] / И.М. Султонзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимои –иқтисодӣ ва ҷамъияти. –№2. – Душанбе, 2019. – С. 145-151.

[4-М]. Султонзода, И.М. Марҳилаҳои рушди сармояи мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.М. Султонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. - №1/31(59). – Бохтар, 2019. – С. 197-201.

[5-М]. Султонзода, И.М. Масъалаҳои самаранок тақсим кардан ва истифода бурдани сармоягузории мустақими хориҷӣ [Матн] / И.М. Султонзода, Ф.С. Обидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - №1/2(74). – Бохтар, 2020. – С. 187-191.

[6-М]. Султонзода, И.М. Ҳаракат ва тақсимоти сармояҳои мустақими хориҷӣ дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон [Матн] / И.М. Султонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ –иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –№1. – Душанбе, 2020. – С. 51-56.

**в) Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[7-М]. Султонзода, И.М. Сармоягузори омили рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.М. Султонзода, Б.С. Шодиев, М.С. Шодиев // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар

мавзуи “Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ “ Донишгоҳи даввлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Кулоб, 2016. – С. 353- 357.

[8-М]. Султонзода, И.М. Сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди босуботи иқтисоди миллӣ [Матн] / И.М. Султонзода//Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон таҳти унвони “Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ –омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - “Қурғонтеппа, 2017. С. 274-277.

[9-М]. Султонзода, И.М. Ҷараёни ҷалби сармоягузориҳои хориҷи ва таъсири он ба иқтисоди миллӣ [Матн] / И.М. Султонзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи “Энергетика омили асосии рушди босуръати иқтисодиёт” 20 декабри соли 2018. – С. 303-306.

[10-М]. Султонзода, И.М. Сармоягузориҳои хориҷӣ, зарурат ва дурнамои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.М. Султонзода, Н.Т. Садриддинов, Б.Қ.Наимов // - Душанбе: “Ирфон”, 2016. - 278 с.

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. **Исмоилов, М.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” бо эроди зерин: 1) Муаллиф тақсими сармояҳои хориҷиро ба минтақаҳо таҳлил намуда, пешниҳодҳо таклиф накардааст.

2. **Рюмкин, С. В.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии аграрии Новосибирск бо эроди зерин: 1) Ба маврид мебуд, ки ҳар як ***вазифаи*** алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионие, ки дар автореферат оварда шудааст, дар оянда идома дода шавад. Дар ин ҳолат ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба рушди технологияи пешрафта ва истеҳсолоти илмталаб мусоидат мекунад.

3. **Ҳайитбоева, Н.А.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Беҳтар мешуд, ки муаллиф самтҳои афзалиятноки сармоягузориро пурра боз ҳам муфассалтар кушода онро шарҳ медод; 2. Баҳодиҳии муқоисавии воридоти сармоягузории хориҷии минтақаҳои мамлакат аз рӯйи соҳа дар намуди ҷадвал ё ин ки график таҳлил карда мешуд, дараҷаи таҳқиқи

диссертатсияи мазкур баланд мегардид; 3. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ мушоҳида карда мешаванд.

**4. Шералиева, Ж.А.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқи Донишгоҳи миллии Қирғизистон бо эродҳои зерин: 1. Аннотатсия роҳҳои ҷалби сармояи мустақими хориҷиро нокифоя инъикос менамояд; 2. Дар кори анҷомдодашуда (саҳ. 11,13,16) хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф кардани онҳоро мо зарур мешуморем.3.Хуб мешуд, дар ҷадвалҳои 3-4, расми 1 маълумотҳои омории соли 2019 илова карда шавад.

**5. Комилов, С.Ҷ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба пуррагӣ инъикос наёфтаанд; 2) Дар таҳқиқоти муаллиф чунин самтҳои афзалиятноки сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ба монанди: бахшҳои кишоварзӣ, инфрасохтори хизматрасонӣ асоснок нашудаанд ва аз назари таҳқиқ дур мондаанд .

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо қайд шудааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳои муаллифон хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра **истифода карда шудаанд.** Асосҳои назариявии рисолаи илмиро таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба масъалаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ташкил карданд.

- асосҳои методологии таҳқиқотро консепсияҳо ва назарияҳои сармоягузорӣ, усулҳои мавҷудаи арзёбии ҷараёнҳои ҷалби сармоягузорӣ, ҳуҷҷатҳои стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ташкил намуданд.**

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро гузаронидани таҷрибаҳо дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории

натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ намуданд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ **асос меёбанд.**

- навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот аз таҳияи консепсияи назари-явии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ, коркарди модели дурнамои ММД ва сармоягузории хориҷӣ, пешниҳоди тавсияҳои методиву амалӣ оид ба роҳҳои баландбардории танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **иборат мебошад.**

- таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ фаро гирифтааст, аҳамияти назариявии таҳқиқотро **ифода менамояд.**

- хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ **истифода бурда метавонанд.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он асоснок карда шуданд, ки:

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки он корҳои олимони пешбари ватанӣ ва хориҷиро оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дарбар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзӯъ муаллиф ба тавсияҳои ЮНТАД оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, инчунин равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ, инчунин қонунҳо, стратегияву барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **такя намудааст.**

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборатанд:

- ҷанбаҳои назариявии мафҳуми сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки ҳамчун сармояи молиявӣ, молӣ ва интеллектуалии сармоягузорони хориҷӣ ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидаткунанда ва гирандаи сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида равонагардида омӯхта шуда, ки ҳам ба иқтисодиёт ва ҳам ба рушди инноватсионии он **таъсир мерасонад;**

- методикаҳои арзёбии самаранокии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, даромаднокии ҷалби сармояи содиротии ҷалбшуда аз рӯйи таснифоти мамлакатҳо инчунин таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ омӯхта, истифодаи амалии он дар шароити ҷумҳури мо **асоснок карда шудааст;**

- ҳолати имрӯзаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ таҳлил ва муайян карда шуда, соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз қабили гидроэнергетика, кишоварзӣ, пахтакорӣ, моҳипарварӣ, занбӯри асалпарварӣ, коркарди мева, чорводорӣ, саноати бофандагӣ, алюминӣ, саноати куҳӣ, ангишт, тилло ва нуқра, нақлиёт, сайёҳӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ асоснок ва **пешниҳод карда шудааст;**

- бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ вобастагии байни ММД ва сармоягузорӣ муайян гардида, барои таҳлил ва арзёбии сармоягузорӣ модели регресионии сармоягузорӣ, модели тренди дурнамои ММД ва сармоягузорӣ таҳия карда шудааст, ки дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур дар ҷумҳурии мо барои солҳои 2019-2025 **ҳисоб карда шудааст;**

- мушкилотҳои асосии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷии дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда, ки асосан ба дараҷаи нокифояи рушди инфрасохтори соҳаи сармоягузорӣ, номукаммал будани қонунгузорӣ, фаъолияти сусти сармоягузории бонкҳои ҷумҳурӣ, коркарди номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст, **ошкор карда шуданд;**

- тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба самтҳои баландбардории танзими ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои бартариятноки иқтисоди миллӣ **муайян ва пешниҳод карда шудаанд.**

***Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:***

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти меъёрӣ-маълумотӣ, тавсияҳои институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маводи дар рафти кори амалии омӯзиши масъалаи мазкур ба дастовардаи муаллиф **ташкил медиҳанд.**

***Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки***

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо ва мақолаҳо исбот менамоянд. Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии

олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии сармоягузории мустаъқими хориҷӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди сармоягузории мустаъқими хориҷӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра **истифода шуданд.**

- ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти такмили механизмҳои танзими давлатии сармоягузории мустаъқими хориҷӣ **асоснок шудааст**.
- асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) **муайян карда шудааст.**

Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссер-татсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтанд. Аз ҷумла, дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон», 20-уми декабри соли 2018, дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Вахдати миллӣ ва соли ҷавонон таҳти унвони "Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ-омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - "Қурғонтеппа, 2017, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ" Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Кулоб, 2016. Маводи таҳқиқотро инчунин ҳангоми хондани маърӯзаҳо оид ба курси «Сармоягузорӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Баҳодиҳии фаъолияти инвеститсионии муассисаҳо», ҳамчунин ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус оид ба назарияи сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии рушди иқтисодиёт дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав **истифода бурдан мумкин аст.**

Натиҷаҳои таҳқикот тайи солҳои 2010-2020 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ **муаррифӣ гардидаанд.**

Асарҳои Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.Қ., Раҳимов Р.К., Қодирзода Д.Б., Бердиев А.А., Саидмуродов Л.Ҳ., Қандиёрова Д.О., Солеҳзода А.А., Мирсаидов А.Б., Исайнов Ҳ.Р., Обидов Ф.С., Мирбобоев Р.М., Ҳодиев Д.А., Ҷамила С., Саидмуродова М.А., Музаффаров Б., Қурбоналиев К.И., Шоидарвозова М., Воҳидов У.М., Саидмуродов Ш.М., Бақоев Ш.С. ва дигарон **истифода шудаанд.**

**Саҳмии шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштошуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳо ва идораи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои баландбардории онро **коркард** ва дурнамои рушди онро дар кишвар **таҳия намудааст**. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Дар ҷаласа 20 феврали соли 2021, Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Султонзода Исо Муҳаммадро бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои умумии шӯрои диссертатсионӣ, 18 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 7 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 21 нафар ҳайати умумии шӯрои диссертатсионӣ, 18 нафар овоз доданд: тарафдор 18 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

*Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,*
*д.и.и., профессор* *Исайнов Ҳ.Р.*

*Котиби илмии*
*Шӯрои диссертатсионӣ,*
*н.и.и., дотсент* *Саидмуродова М.А.*

*20.02.2021*